# РОССИЯ И ИРКУТСКАЯ ОБЛАСТЬ

## ИНФОРМАЦИЯ ДЛЯ ГОСТЕЙ ИЗ ТАДЖИКИСТАНА

# РУСИЯ ВА ВИЛОЯТИ ИРКУТСК

## МАЪЛУМОТ БАРОИ МЕҲМОНОН АЗ ТОҶИКИСТОН



مَن جَآءَ بِٱلۡحَسَنَةِ فَلَهُۥ عَشۡرُ أَمۡثَالِهَاۖ وَمَن جَآءَ بِٱلسَّيِّئَةِ فَلَا يُجۡزَىٰٓ إِلَّا مِثۡلَهَا وَهُمۡ لَا يُظۡلَمُونَ ١٦٠

Кто явится с добрым деянием, тот получит десятикратное воздаяние.
А кто явится со злым деянием, тот получит только
соответствующее воздаяние, и с ними не поступят несправедливо.

Коран. Сура «Аль-Анам», 6:160

# РОССИЯ И ИРКУТСКАЯ ОБЛАСТЬ

## Информация для гостей из Таджикистана

# РУСИЯ ВА ВИЛОЯТИ ИРКУТСК

## Маълумот барои меҳмонон Аз Тоҷикистон

**Иркутск**
**2025**

## Исторический опыт взаимодействия российского и среднеазиатских обществ

Средняя Азия как часть Центральной Азии находится на очень большом удалении от индустриально развитых центров (Европа, страны Дальнего Востока, США), использующих свой климат и океанские коммуникации как факторы бурного колониального и неоколониального развития. Объективно общества Средней Азии на протяжении последних веков отстали в своём развитии от обществ этих центров, как отстали от них и общества других регионов мира.

Россия, представленная в Европе, была и остаётся участником европейских модернизационных процессов. Поэтому как более развитое государство, интегрирующее Среднюю Азию, она вовлекала её общества в модернизацию, происходящую в индустриальном поясе мира, и в развивающиеся мировые коммуникации. Этому способствовали создававшиеся в регионе железные дороги и производства, что, в свою очередь, заметно развивало местную инфраструктуру.

Особенностью российского колониализма является то, что Россия как империя положительного действия давала интегрированным народам (наряду с безопасностью и модернизацией) больше прав, чем жителям Центральной России. Так, в Сибири, на Дальнем Востоке и Кавказе не было крепостного права, которое было в Великороссии. В Средней Азии после её включения в состав империи местные элиты получили дворянство, а местное население было освобождено от воинской повинности, от которой не были свободны жители Центральной России. Последнее было отменено только в 1916 г., когда в условиях Первой мировой войны мужскую часть среднеазиатских обществ стали привлекать на тыловые работы. С началом российской интеграции сохранялись и развивались местные культуры, которые обогащались светским измерением, что способствовало укреплению национальной интеллигенции.

Гражданская война стала ареной состязания программ развития. При этом идеология басмачества, ориентированная на сохранение национальной замкнутости и традиционализма, явно не способствовала свойственной началу XX в. модернизации местных обществ. Поэтому со временем большая часть местного населения склоняется к поддержке Красной армии, немалую часть личного состава которой составляли выходцы из его среды. В результате в формирующихся органах советской власти большая часть управленцев была представителями местных об-

ществ, а наибольшей поддержкой при карьерном продвижении пользовались представители коренных народов (чему способствовала советская политика «коренизации»).

Государственная концентрация ресурсов в масштабе 1/6 части суши позволила решить стратегические вопросы экономической модернизации и обеспечения безопасности. В результате в республиках Средней Азии появляются не только массовое товарное сельскохозяйственное производство, но и современные промышленные предприятия. Провести такую масштабную модернизацию местные общества (в силу небольших возможностей концентрации капитала) были не в состоянии. В данном случае показателен пример Афганистана, который обрёл социальную инфраструктуру только в начале 1980-х гг., после развития здесь советской модернизации.

Таджикистан в современных границах создан советской властью. Большая часть его экономической (в основном утраченной в постсоветский период), социальной и культурной инфраструктуры создана в советский период с привлечением общесоюзных инвестиций. Так как республика была дотационной (т. е. потребляла больше, чем производила), она ежегодно получала финансовые и товарные вливания из центра. При этом донором этих инвестиций и дотаций была экономика РСФСР (России).

Ресурсы, поставляемые в общесоюзную экономику, возвращались местному населению в виде развивающейся хозяйственной, социальной и культурной инфраструктуры, что вело к росту уровня жизни населения вплоть до кризиса конца 1980-х гг. В результате население республики получило не только бесплатную развитую социальную инфраструктуру (образование, медицина, жильё и др.), но также образовательную, карьерную и пространственную мобильность. Представители коренных народов имели возможность получить профессиональное образование по квотам (т. е. вне конкурса) и распределиться на соответствующие должности как в своей республике (в том числе в столицу и закрытые города), так и в другие республики СССР. Наличие образования ускоряло получение бесплатного жилья. У местного населения появилась возможность развиваться (получать образование, заниматься наукой, искусством и т. д.) не только на местном, но также союзном и мировом уровнях.

Реализующаяся в советский период политика равенства народов вела к тому, что среднеазиатские общества фактически имели больше

прав, чем российское. Например, во всех республиках в рамках советской демократии были созданы не только свои государственные системы, но и национальные коммунистические партии, входившие в КПСС, а также национальные академии наук. У РСФСР своей национальной коммунистической партии, как и академии наук, не было.

В постсоветский период дезинтеграция и националистическая политика привели к оттоку образованных русскоязычных кадров (по отношению к 1989 г. в Таджикистане осталось 7,7 % русскоязычного населения), разрушению экономики и, как следствие, к бедственному положению большой части населения, которое теперь вынуждено участвовать в массовой трудовой миграции за пределами своей страны.

Интеграция ведёт к уходу от истощающих междоусобиц, повышению потенциалов и возможностей, а дезинтеграция – наоборот. В этом смысле Россия играла важную роль интегратора и модернизатора среднеазиатских и других евразийских обществ. Исторические и современные примеры интеграции с участием России несли народам Средней Азии благо.

## Таджикистан в советский период

В советский период Таджикистан стал индустриально-аграрной республикой. Благодаря инвестициям из центра, помимо пищевой и лёгкой, развивалась машиностроительная, химическая и добывающая промышленность. Выпуск промышленной продукции по сравнению с 1940 г. к началу 1980-х гг. вырос в 17 раз. Были построены Варзобские, Кайраккумская, Головная, Нурекская электростанции. Также было проложено 470 км железнодорожных путей и 13,2 тыс. км автодорог. Благодаря мелиорации (из 799 тыс. га посевных площадей 89 % были орошаемыми землями), внедрению техники и агрономии активно развивалось сельское хозяйство. По сравнению с 1940 г. объём сельскохозяйственной продукции к 1980 г. вырос в 4,1 раза. Организованный труд населения (из которого таджики составляли 55,8 %) и доход республики, а также ежегодные дотации из центра позволяли развивать социальную и культурную инфраструктуру. В результате уже в начале 1980-х гг. 34 % населения жило в городах, в 11 вузах училось 60 тыс. студентов, в 38 техникумах и училищах – 40 тыс. учащихся. В 1951 г. была основана Академия наук Таджикской ССР. Было открыто 12 театров, а на государственной киностудии «Таджикфильм» (созданной в 1930 г.) снималось по 8 фильмов в год. Вплоть до демонтажа СССР эти показатели продолжали расти.

## Российская Федерация

Российская Федерация входит в индустриальный пояс планеты и является одной из развитых стран мира. Помимо современной экономики и социальной инфраструктуры страна обладает интернациональной универсальной культурой, в которой, на фоне уважения к русским (как титульной нации), к русскому языку (как государственному языку и языку межнационального общения) и к русскому православию (как религии, оказавшей заметное влияние на развитие общества), признаются все этнические, традиционные религиозные и светские группы. Поэтому российская культура известна всему миру и понятна всем людям. Во многих странах мира люди изучают русский язык, чтобы в оригинале читать Ф. М. Достоевского, Л. Н. Толстого, А. П. Чехова и многих других русских писателей, а также чтобы в оригинале смотреть советское кино.

Россия объединяла и продолжает объединять разные территории и культуры, народы и общества. При этом она является одной из двух стран (наряду с США), которые во второй половине XX в. предложили и реализовывали свои программы глобализации. И сейчас Россия как развитое государство объединяет, выступает донором для соседних обществ, даёт возможность зарабатывать и хорошо жить представителям разных народов и стран.

## Иркутская область

Иркутская область по территории больше, чем Таджикистан и Узбекистан, вместе взятые. Она является частью Восточной Сибири как места встречи народов, культур и цивилизаций. Здесь встретились русские (относящиеся к славянской группе языков), буряты (монгольская семья языков), эвенки (тунгусо-маньчжурская семья языков), тофалары (тюркская семья языков) и многие другие этносы. Встреча разных народов и хозяйственных укладов (земледельцы, таёжные охотники, степные скотоводы и др.) привела не только к взаимообогащению их национальных культур, но и к развитию религиозного многообразия. Так, в регионе получили развитие христианство, шаманизм и буддизм, а позже ислам (в связи с ростом татарской общины в дореволюционный период). Также здесь встретились культуры (европейская, дальневосточная и кочевая), в разной мере оказавшие влияние на развитие России как страны-цивилизации, в которой разные народы и люди живут в согласии.

Народ России и Иркутской области гостеприимен, но и приезжающие должны вести себя соответствующим образом. Поэтому в заключение приведем слова Курбана Аитовича Аитова (1946–2023 гг.), который в 1967 г. приехал в Иркутск из Средней Азии, отслужил в армии, закончил медицинский институт, работал врачом, защитил сначала кандидатскую, а потом докторскую диссертацию, получил звание заслуженного врача Российской Федерации, был членом Общественной палаты Иркутской области и очень уважаемым человеком. Обращаясь к своим землякам, приехавшим в Прибайкалье, он говорил: «Мы здесь гости и должны вести себя как гости!»

## Таҷрибаи таърихии ҳамкории ҷомеаҳои Русия ва Осиёи Марказӣ

Осиёи Миёна ҳамчун қисми Осиёи Марказӣ дорои ҷуғрофиёи комилан қитъавӣ мебошад. Ин боис гардид, ки он дар масофаи хеле дур аз марказҳои саноатии рушд (Аврупо, кишварҳои Шарқи Дур, ИМА), ки иқлим ва иртибототи укёнусиро ҳамчун омилҳои рушди босуръати мустамликавӣ ва неомустамликавӣ истифода мебаранд, қарор дорад. Ба таври холисона, ҷомеаҳои Осиёи Миёна дар тӯли асрҳои охир аз ҷиҳати рушд аз ҷомеаҳои ин марказҳо ақиб мондаанд, мисли он ки ҷомеаҳои дигар минтақаҳои ҷаҳон низ аз онҳо ақиб мондаанд.

Русия, ки дар Аврупо намояндагӣ дошт, иштирокчии равандҳои муосиргардонӣ аврупоӣ буд. Аз ҳамин сабаб, ҳангоми ҳамгиро сохтани Осиёи Миёна, онро ба равандҳои муосиргардонӣ ҷараёндошта дар минтақаи саноатии ҷаҳон ҷалб менамуд. Чун як давлати бештар рушдёфта, Русия ба раванди муосиргардонӣ ва ҳамгироии он бо низомҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷаҳонӣ мусоидат мекард. Ба ин раванд сохтмони роҳҳои оҳан ва корхонаҳо дар минтақа кумак мекарданд, ки дар навбати худ инфрасохтори маҳаллиро ба таври назаррас рушд медоданд.

Хусусияти мустамликадории русӣ дар он аст, ки Русия ҳамчун давлати монархистӣ амалҳои мусбат ба халқҳои ҳамгирошуда (дар баробари амният ва муосиргардонӣ) ҳуқуқҳои бештар медод нисбат ба аҳолии маркази Русия. Масалан, дар Сибир, Шарқи Дур ва Қафқоз ҳуқуқи ғуломӣ мавҷуд набуд, дар ҳоле ки он дар Русияи Бузург амал мекард. Дар Осиёи Миёна, пас аз шомил шуданаш ба таркиби давлати монархистӣ, элитаҳои маҳаллӣ унвони ашрофӣ гирифтанд, ва аҳолии оддӣ аз хизмат дар артиши императорӣ озод карда шуданд – дар ҳолате ки аҳолии марказии Русия аз ин озод набуданд. Ин имтиёз танҳо соли 1916 бекор карда шуд, вақте ки дар шароити Ҷанги Якуми Ҷаҳон мардони Осиёи Миёна ба корҳои ақибгоҳӣ ҷалб карда шуданд. Бо омадани ҳамгироии русӣ, фарҳангҳои маҳаллӣ нигоҳ дошта шуданд ва рушд ёфтанд, ки бо андешаи дунявӣ ғанӣ гашта, ба таҳкими зиёиёни миллӣ мусоидат намуд.

Ҷанги шаҳрвандӣ ба майдони рақобати барномаҳои рушд табдил ёфт. Дар ин замина, мафкураи басмачӣ, ки ба нигоҳ доштани худронии миллӣ ва анъанавият равона шуда буд, ба равандҳои муосиргардонӣ ҷомеаҳои маҳаллӣ ва воридшавии онҳо ба асри XX мусоидат намекард. Аз ин рӯ, бо гузашти вақт қисми зиёди аҳолии маҳаллӣ ба ҷонибдорӣ аз Артиши Сурх, ки қисми назарраси ҳайати шахсии он аз ҳамин муҳит

сарчашма мегирифтанд, майл пайдо намуд. Дар натиҷа, дар сохторҳои навтаъсиси ҳокимияти шӯравӣ, бахши асосии кормандони роҳбарикунанда аз намояндагони ҷомеаҳои маҳаллӣ иборат буд, ва бештар аз ҳама барои пешрафт дар мансаб намояндагони халқҳои бумӣ дастгирӣ меёфтанд – ки инро сиёсати «бумисозӣ»-и шӯравӣ тақвият мебахшид.

Тамаркузи давлатии захираҳо дар масоҳати 1/6 қисми хушкӣ имкон дод, ки масъалаҳои стратегӣ муосиргардонӣ иқтисодӣ ва таъмини амният ҳал карда шаванд. Дар натиҷа, дар ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна на танҳо истеҳсоли оммавии кишоварзии молӣ, балки корхонаҳои муосири саноатӣ низ ба вуҷуд омаданд. Ҷомеаҳои маҳаллӣ, бо назардошти имконоти маҳдуди тамаркузи сармоя, наметавонистанд чунин муосиргардонӣ васеъмиқёсро амалӣ созанд. Дар ин замина, мисоли Афғонистон гуворо аст, ки танҳо аввали солҳои 1980-ум – баъди оғози равандҳои муосиргардонӣ шӯравӣ – ба сохтори иҷтимоӣ соҳиб шуд.

Тоҷикистон дар марзҳои имрӯзааш аз ҷониби ҳокимияти шӯравӣ таъсис дода шудааст. Қисми асосии инфрасохтори иқтисодӣ (ки асосан дар давраи пасошӯравӣ аз даст рафт), иҷтимоӣ ва фарҳангии он дар замони шӯравӣ бо ҷалби сармоягузориҳои умумииттифоқӣ сохта шудааст. Азбаски ҷумҳурӣ дотасионӣ буд (яъне бештар масраф мекард, назар ба истеҳсол), ҳамасола аз Марказ кумаки молиявӣ ва молӣ мегирифт. Манбаи ин дотасияҳо ва сармоягузориҳо иқтисодиёти РСФСР (Русия) буд.

Захираҳое, ки ба иқтисодиёти умумииттифоқӣ равона мешуданд, ба аҳолии маҳаллӣ дар шакли инфрасохтори рушди хоҷагӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ бармегаштанд, ки то охири солҳои 1980-ум ба болоравии сатҳи зиндагӣ мусоидат мекард. Дар натиҷа, аҳолии ҷумҳурӣ на танҳо ба инфрасохтори ройгони иҷтимоии рушдёфта (маориф, тиб, манзил ва ғайра) дастрасӣ доштанд, балки имконоти ҳаракат дар соҳаҳои маориф, кор ва ҷойгиршавии ҷуғрофӣ низ пайдо карданд. Намояндагони миллатҳои бумӣ имкони гирифтани таҳсилоти касбиро бо квота (яъне берун аз озмун) доштанд ва метавонистанд ба мансабҳои дахлдор ҳам дар ҷумҳуриашон (аз ҷумла пойтахт ва шаҳрҳои пӯшида) ва ҳам дар дигар ҷумҳуриҳои Иттиҳоди Шӯравӣ таъин шаванд. Доштани таҳсилот раванди гирифтани манзили ройгонро тезонид. Аҳолии маҳаллӣ имкони рушд (омӯзиш, илм, санъат ва ғайра)-ро на танҳо дар сатҳи маҳаллӣ, балки дар сатҳи умумииттифоқӣ ва ҷаҳонӣ низ соҳиб гардид.

Сиёсати баробарҳуқуқии миллатҳо, ки дар давраи шӯравӣ амалӣ мешуд, боис гардид, ки ҷомеаҳои Осиёи Миёна дар амал бештар ҳуқуқ дошта бошанд, назар ба ҷомеаи Русия. Масалан, дар ҳамаи ҷумҳуриҳо

дар доираи демократияи шӯравӣ на танҳо низоми давлатии худӣ таъсис дода шуд, балки ҳизбҳои коммунистии миллӣ низ вуҷуд доштанд, ки ба ҳайати ҲКИШ дохил мешуданд, инчунин Академияҳои миллии илмҳо таъсис ёфтанд. Дар РСФСР на ҳизби миллии коммунистӣ ва на Академияи миллии илмҳо вуҷуд надоштанд.

Дар давраи пасошӯравӣ, парокандашавӣ ва сиёсати миллатгароёна боиси рафтани кадрҳои босаводи русзабон гардиданд (дар муқоиса бо соли 1989, дар Тоҷикистон ҳамагӣ 7,7% аҳолии русзабон боқӣ мондааст), иқтисод хароб шуд ва дар натиҷа қисми зиёди аҳолӣ ба вазъи фақру нодорӣ дучор шуда, маҷбур ба муҳоҷирати меҳнатии оммавӣ ба хориҷи кишвар гардиданд.

Интегратсия сабаби раҳоӣ аз низоъҳои дохилӣ ва болоравии иқтидорҳо ва имкониятҳо мешавад, дар ҳоле ки дезинтегратсия – баръакс. Аз ин ҷиҳат, Русия нақши муҳими муттаҳидсоз ва навкунандаи ҷомеаҳои Осиёи Миёна ва дигар ҷомеаҳои авруосиёиро бозӣ намудааст. Мисолҳои таърихӣ ва муосири ҳамгироӣ бо иштироки Русия фоида ва манфиатро ба халқҳои Осиёи Миёна овардаанд.

## Тоҷикистон дар давраи шӯравӣ

Дар давраи шӯравӣ Тоҷикистон ба як ҷумҳурии саноатию кишоварзӣ табдил ёфт. Бо шарофати сармоягузориҳои Марказ, дар баробари соҳаҳои саноати хӯрокворӣ ва сабук, ҳамчунин соҳаҳои муҳандисии мошинсозӣ, саноати кимиё ва истихроҷи маъдан рушд карданд. Ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ дар муқоиса бо соли 1940 то аввали солҳои 1980 17 маротиба афзоиш ёфт. Нерӯгоҳҳои Варзоб, Қайраккум, Сар, Нурек сохта шуданд. Ҳамчунин 470 километр роҳи оҳан ва 13,2 ҳазор километр роҳҳои мошингард сохта шуданд.

Бо шарофати чорабиниҳои мелиоратсионӣ (аз 799 ҳазор гектар замини кишт 89 фоизаш замини обёришаванда буд), татбиқи техника ва илмҳои агрономӣ, соҳаи кишоварзӣ ба таври фаъол рушд намуд. Ҳаҷми маҳсулоти кишоварзӣ дар муқоиса бо соли 1940 то соли 1980 – 4,1 маротиба афзуд. Меҳнати ташкилёфтаи аҳолӣ (ки 55,8 фоизи онро тоҷикон ташкил медоданд), даромади дохилии ҷумҳурӣ ва дотасияҳои ҳамасолаи буҷавӣ аз Марказ имкони рушди инфрасохтори иҷтимоӣ ва фарҳангиро фароҳам оварданд.

Дар натиҷа, то аввали солҳои 1980, 34 фоизи аҳолӣ дар шаҳрҳо зиндагӣ мекарданд; дар 11 муассисаи таҳсилоти олии касбӣ 60 ҳазор донишҷӯ ва дар 38 техникум ва омӯзишгоҳ 40 ҳазор нафар таҳсил менамуданд. Соли 1951 Академияи илмҳои Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон таъсис ёфт. 12 театр ифтитоҳ шуд ва дар студияи давлатии «Тоҷикфилм», ки соли 1930 таъсис ёфта буд, ҳамасола 8 филм ба навор гирифта мешуд. То замони пош хӯрдани ИҶШС ин нишондиҳандаҳо мунтазам афзоиш меёфтанд.

## Федератсияи Русия

Федератсияи Русия ба камарбанди индустриалии сайёра шомил буда, яке аз кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон ба шумор меравад. Илова бар иқтисоди муосир ва инфрасохтори иҷтимоии рушдёфта, кишвар дорои фарҳанги умумибашарии байналмилалӣ мебошад, ки дар он дар заминаи эҳтиром ба русҳо ҳамчун миллати асосӣ, ба забони русӣ ҳамчун забони давлатӣ ва забони муоширати байни миллатҳо, инчунин ба православии русӣ ҳамчун дине, ки ба рушди ҷомеа таъсири чашмрас расондааст, тамоми гурӯҳҳои этникӣ, динӣ ва дунявӣ эҳтиром меёбанд.

Маҳз ҳамин гуногунрангӣ ва ҳамзистии арзишманд фарҳанги русиро ба ҷаҳониён шинос ва барои ҳама фаҳмо гардонидаанд. Дар бисёре аз кишварҳои ҷаҳон одамон забони русиро меомӯзанд, то осори аслии Ф.М. Достоевский, Л.Н. Толстой, А.П. Чехов ва дигар нависандагони маъруфи русро бихонанд, инчунин барои тамошои аслии филмҳои шӯравӣ.

Русия дар тӯли таърих ва то ба имрӯз қаламравҳо, фарҳангҳо, халқҳо ва ҷомеаҳои гуногунро муттаҳид намудааст. Ҳамзамон, ин кишвар яке аз ду давлат (дар баробари ИМА) мебошад, ки дар нимаи дуюми асри XX барномаҳои ҷаҳонишавии худро пешниҳод ва амалӣ кардааст. Имрӯз низ Русия ҳамчун кишвари рушдёфта нақши муттаҳидкунанда дорад, ба ҷомеаҳои ҳамсоя кумак мерасонад, имкони даромаднокӣ ва зиндагии шоистаро барои намояндагони миллатҳо ва кишварҳои гуногун фароҳам меорад.

## Вилояти Иркутск

Вилояти Иркутск аз нигоҳи масоҳат бузургтар аз Тоҷикистон ва Ӯзбекистон дар якҷоягӣ мебошад. Он ҷузъи Сибирии Шарқӣ мебошад, ки макони дидору мулоқоти халқҳо, фарҳангҳо ва тамаддунҳо аст. Дар ин ҷо русҳо (ки ба гурӯҳи славянӣ марбутанд), бурятҳо (гурӯҳи забонҳои монголӣ), эвенкҳо (гурӯҳи забонҳои тунгусо-манчжурӣ), тофаларҳо

(гурӯҳи забонҳои туркӣ) ва дигар халқҳо вохӯрданд. Мулоқоти халқҳои гуногун ва низоми хонадорӣ (заминдорҳо, атуххо, чабрдорон ва ғайра) на танҳо ба ҳамдигарганҷиши фарҳангҳои миллӣ оварда расонид, балки ба рушди гуногунии динӣ низ мусоидат кард. Ба хамин тарик, дар ин минтака дини насронӣ, шоманизм ва буддоия ва баъдтар ислом (аз хисоби афзоиши чамъияти тоторхо дар давраи пеш аз революция) инкишоф ёфт.

Ҳамчунин, дар ин ҷо тамаддунҳои гуногун (аврупоӣ, шарқи дур ва бодиянишин) вохӯрданд, ки ба ҳар дараҷа дар рушди Русия ҳамчун як кишвар – тамаддун таъсир гузоштанд, ки дар он халқҳо ва одамон дар ҳамоҳангӣ зиндагӣ мекунанд.

Халқи Русия ва Иркутск меҳмондӯст аст, вале ҳамзамон меҳмонон бояд худашон мувофиқи вазият рафтор кунанд. Аз ин рӯ, мо сӯҳбатро бо суханони Қурбон Аитович Аитов (1946–2023), ки дар соли 1967 аз Осиёи Миёна ба Иркутск омад, хизмат дар артиши шӯравӣ кард, таҳсилро дар институти тиббӣ ба анҷом расонид, ҳамчун табиб кор кард, диссертатсияи номзадиро дифоъ намуд, баъд доктори илмҳои тиб шуд, унвони табиби шоистаи Федератсияи Русияро соҳиб гардид, узви Шӯрои ҷамъиятии Иркутск буд ва одаме буд, ки ба таври зиёд эҳтиром гузошта мешуд, ҷамъбаст мекунем. Вай бо хешовандонаш, ки ба вилояти соҳили Байкал омада буданд, чунин мегуфт: «Мо дар ин ҷо меҳмон ҳастем ва бояд мисли меҳмонҳо рафтор кунем!»

## Телефоны

Экстренные службы: 112 (полиция: 102, скорая медицинская помощь: 103, пожарные: 101)

Управление по вопросам миграции МВД РФ по Иркутской области: +7(3952)21-74-10, +7(3952)21-74-21, +7(3952)21-74-20, +7(3952)21-74-17

Отдел по культурной и социальной адаптации иностранных граждан Управления Губернатора Иркутской области и Правительства Иркутской области по связям с общественностью и национальным отношениям: +7(3952)25-97-85, +7(3952)25-97-84, +7(3952)25-97-82

## Адреса

Многофункциональные центры (МФЦ), г. Иркутск: ул. Верхняя Набережная, 10; бульвар Рябикова, 22 А; ул. Рабочая, 2 А; мкр-н Юбилейный, 19/1

## Телефонхо

Хадамоти таъҷилӣ: 112 (Политсия: 102, Маркази ёрии таъҷилии тиббии: 103, оташнишонӣ: 101)

Хадамоти муҳоҷирати Вазорати корҳои дохилии Федератсияи Русия: +7(3952)21-74-10, +7(3952)21-74-21, +7(3952)21-74-20, +7(3952)21-74-17

Шуъбаи мутобиккунии маданию ичтимоии шаҳрвандони хориҷии Управленияи губернатори вилояти Иркутск ва хукумати вилояти Иркутск оид ба робита бо ахли чамъият ва муносибатхои миллӣ: +7(3952)25-97-85, +7(3952)25-97-84, +7(3952)25-97-82

## Суроғахо

Марказҳои бисёрфунксионалӣ (MFC), г. Иркутск, ул. Верхняя Набережная, 10; бульвар Рябикова, 22 А; ул. Рабочая, 2 А; мкр-н Юбилейный, 19/1

---

АНО Восточно-Сибирский аналитико-просветительский центр «Согласие»

Публикуется за счёт средств субсидии на реализацию социально значимых проектов некоммерческих организаций по сохранению национальной самобытности Иркутской области, гармонизации межэтнических и межрелигиозных отношений (проект Р38-24-2-000121 «Развитие российского гражданского патриотизма и оптимизация интеграции мигрантов в региональное общество»).

При оформлении обложки использовано фото Ю. И. Рыбалко.